# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисос барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси -13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилоти умумӣ (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда шудааст.

Рисолаи диссертатсионии Бӯриев Бахтиёр Болтаевич ба мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» бахшида шуда, дорои аҳамияти муҳим дар раванди омӯзиши фанни математика маҳсуб меёбад.

Таҳсилоти муосир аз муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ тақозо дорад, ки хонандагонеро тайёр намоянд, ки қобилияти тафаккури эҷодӣ дошта бошанд. Яке аз роҳҳои ноил гаштан ба ин мақсад дар раванди омӯзиши фанни математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода намудани мероси ғании математикии математикони асрмиёнагии Шарқ мебошад.

Шиносоӣ бо дастовардҳои математикони асримиёнагии Шарқ ба хонандагон имконият медиҳад, ки бо мероси математикии ниёкони худ шинос гардида, оид ба пайдоиши мафҳумҳои математики маълумот пайдо намоянд.

Бо ҳолномаи олимони асримиёнагии Шарқ шинос гардида, хонандагон оид ба омӯзиш ва таҳқиқотҳои илмӣ шавқу завқи махсус зоҳир менамоянд ва ки ин яке аз омилҳои асосии ташаккулёбии қобилияти эҷодии онҳо мегардад.

Дар раванди истифодабарии дастовардҳои математикии олимони асримиёнагии Шарқ, хонандагон бо ҳаёту фаъолияти онҳо, шарту шароит ва вазъи сиёсии он давра шинос мегарданд, ки ин онҳоро дар рӯҳияи устуворӣ ва муҳаббат ба дониш тарбия намуда, имкон медиҳад, ки дар раванди таълиму тадрис ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад.

Мақсади таҳқиқоти Буриев Бахтиёр Болтаевич таҳия ва ба таври озмоишӣ санҷидани самаранокии модели дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ мебошад.

Натиҷаи асосии таҳқиқот таҳияи равишҳои методӣ барои истифодаи дастовардҳои математикии олимони асримиёнагии Шарқ барои рушди қобилияти эҷодии хонандагон мебошад, ки ба назари мо арзиши назарраси илмӣ ва амалиро дорост. Аз ҷумла, таҳқиқот таҳлили рисолаҳои математикии олимони варзидаи асримиёнагии Шарқ аз ҷумла: Алхоразмӣ, Умари Хайём, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Баҳоваддин Омулӣ, Умари Хайём, Насируддини Тӯсӣ, Қозизодаи Румӣ, Муҳаммад Наҷмиддинхон, Алкошӣ, Алии Қушчӣ ва дигарон ва дигаронро низ дарбар гирифта, инчунин барои мутобиқсозии онҳо барои истифода дар таълими математикаи мактабӣ замима гузоштааст.

Буриев Бахтиёр Болтаевич вазифаи худро дар таҳқиқот бо роҳи муносибати комплексӣ ба роҳ мондааст, ки он таҳлили назариявӣ, таҳияи маводҳои методӣ ва дар озмоиш санҷидани онҳоро дар бар мегирад.

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ, чунин мешуморам, ки диссертатсияи мазкур кори илмии тахассусии пурра ба анҷомрасида мебошад„ ки аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи баланди илмию назариявӣ иҷро карда шудааст. Буриев Бахтиёр Болтаевич дар давраи таҳқиқот худро ҳамчун унвонҷӯйи босалоҳият ва эҷодкору таҳқиқотчӣ нишон дод.

Дар рафти таҳқиқи рисолаи номзадӣ Буриев Бахтиёр Болтаевич ба таҷрибаи педагогии худ такя намуда, дар раванди корҳои озмоишӣ онро ҳамаҷониба истифода намуд.

Рисолаи диссертатсионии Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси -13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси -13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,
Сардори раёсати ташхис ва тақризиададбиёти таълимии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон: Қодиров Бахтиёр Розиқович

Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н.Шоҳмансур, кӯчаи А. Адҳамов хонаи 11/2

Тел(+992)926335504, email: bakhtiyor_0663@mail.ru

*“Имзои Қодиров Бахтиёр Розиқович”-ро тасдиқ менамоям.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Ҳакимова Х.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО